# ТАЪМИНИ СИЁСАТИ ЗИДДИКОРРУПСИОНИИ МАМЛАКАТ АСОСИ АМАЛИШАВИИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИҶТИМОӢ

Соҳибистиқлоливу соҳибдавлатӣ ба мо имкон фароҳам овард, ки тайи зиёда аз се даҳсола барои таъмин намудани пешрафту ободӣ ва боз ҳам инкишофу тараққиёти кишвари маҳбубамон ба дастовардҳои зиёди иқтисодию иҷтимоӣ ва таъмини амнияти миллӣ ноил гардем ва нуфузу эътибори мамлакатро дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам баланд бардорем. [1, с.1].

Ин ҳама бо ташаббусу ибтикороти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад, ки ҳанӯз аз рӯзҳои нахустини соҳибистиқлолии кишвар ба хотири таҳкими пояҳои давлатдории навин, сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ беш аз пеш саъю талош намуданд.

Тайи даврони соҳибистиқлолӣ миллати куҳанбунёди мо бо таҷрибаву собиқаи давлату давлатдорӣ марҳалаи тақдирсози расидан ба сулҳу ваҳдати миллиро паси сар кард ва дар шоҳроҳи амалӣ намудани нақшаҳои азими созандагӣ, ки ҳадафаш бо тақдири наслҳои имрӯзаву оянда пайванди мустақим дорад, қадамҳои устувор гузошт. Ба шарофати истиқлолу озодӣ, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ барои амалӣ намудани ҳадафҳои стратегии дар пеш истода, ҳамаи заминаҳои зарурӣ фароҳам оварда шуд.

Мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, ба хусус коррупсия яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлат дониста шуда, ташаккули заминаҳои ҳуқуқиву сохторӣ ва ҳамкориҳои байналмилалӣ дар ин самт таҳким ёфтанд. Дар ин замина, зери роҳбарии Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кушишҳои пай дар пай ҷиҳати қабул ва амалинамоии қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҷавобгӯйи манфиатҳои умумимиллӣ ва мукаммалгардонии онҳо ба тасвиб расиданд. [2, с.47].

Қабули Конститутсияи нав дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, тақсими ҳокимият ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроя ва судӣ, таъсиси ниҳоди президентӣ, парламенти дупалатагӣ ва Суди конститутсионӣ, инчунин бисёр равандҳои дигари сохтори давлатӣ, асосан унсурҳои пешрафтаи давлатдории кишварамон ба ҳисоб мераванд. Ғайр аз ин, як қатор қарорҳое, ки баҳри гузариш ба муносибатҳои бозорӣ қабул гардиданд, қобили таҳсин мебошанд. Аз ҷумла ғайримилликунонӣ ва хусусигардонии моликияти давлатӣ, озодкунии иқтисодӣ, эътироф ва кафолати ҳифзи шаклҳои гуногуни моликият ва ғайраҳо ба ин мисол шуда метавонанд.

Аз дигар тараф паёмҳои солонаи Сарвари давлат ба Маҷлиси Олӣ як ҳуҷҷати барномавии дурнамо ва тақдирсозе гардидааст, ки самтҳои асосии фаъолияти ҳамаи мақомоти давлатиро дар ҳамдастӣ бо ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, инчунин вазифаҳои мушаххаси онҳоро муайян менамояд.

Дар Тоҷикистон ислоҳоти куллии иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ пас аз барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ оғоз шуд. Ҷанги шаҳрвандии бади он ба амал омада боиси пайдоиш ва ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ таъсир расонидани омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ гардид, ки муайянкунандаи коррупсия мебошанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар аввалин паёми худ ба аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 апрели соли 2001 қайд намудаанд, ки “Вазифаи муҳимтарини ҷомеаи дорои иқтисодиёти бозаргонӣ мубориза бо коррупсия мебошад”. [3. с.6].

Дар ин самт, Сарвари давлат ҷиҳати таъмини иҷрои талаботи қонунгузории ҷорӣ мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар сохторҳои дахлдорро ҳамон замон вазифадор намуда буданд, ки иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқиро риоя, амалӣ ва фарҳанги зиддикоррупсионии ҷомеаро баланд бардоранд.

То ин муддат, қабул гардидани як қатор санадҳои қонунгузорӣ, барномаҳои давлатӣ ва тағйиру иловаҳо ба онҳо, ҳамзамон таъсису фаъолияти мақоми махсусгардонидашуда, мақоми олии аудити давлатӣ ва Шурои миллии муқовимат ба коррупсия оид ба ҳамоҳангсозӣ, пешгирӣ ва муқовимат ба коррупсия, истифодаи мақсадноку самараноки маблағҳои давлатӣ ва дигар захираҳои давлатӣ, субъектҳои бевосита ба коррупсия муқовиматкунанда ҷамъбаҳои асосии сиёсати давлатиро оид ба муқовимат ба коррупсия муайян намуданд.

Робита ба ин, таъкидҳои пайвастаи Пешвои муаззами миллат дар паёмҳои ҳамасола ҷиҳати пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия, бахусус оид ба гирифтану додани пора, азонихудкунии маблағҳои давлатӣ, истифодаи мақоми хизматӣ, баромадан аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ ва ғайра аз ҷониби кормандони соҳаҳои мухталифи давлатӣ, аз ҷумла мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, сохторҳои қудратӣ ва суд ба кам кардани монеаҳо дар роҳи рушди соҳибкорӣ, ҷорӣ намудани низоми оддӣ, ислоҳоти ҳуқуқӣ ва ба танзим овардани сохтори қонунҳо мутобиқи меъёрҳои байналмилалӣ барои муқовимат ба коррупсия, хатари эҳтимолияти фасодшавии бисёре аз соҳаи фаъолияти давлатӣ ва шаклҳои ҳаёти ҷамъиятиро ба воқеият табдил дод.

Албатта татбиқи чорабиниҳои мазкур дар самти муқовимат ба коррупсия дар кишварамон басо аҳамиятнок мебошанд, зеро дар шароити гузариш ба идоракунии самарабахши демократӣ, яке аз вазифаҳои муҳими давлат таъмини эътимоди шаҳрвандон ба муассисаҳои мавҷудаи давлатӣ буда, ин як шарти муҳими эҳёи давлати демократӣ ба ҳисоб меравад. Тавре дар адабиёти илмӣ қайд гардидааст, "Татбиқи сиёсати муттасил ва ҳамоҳангшудаи мубориза бо коррупсия, яке аз вазифаҳои таъхирнопазири сохтмони давлат аст" [4. с.3]

Бо ин назардошт, баҳри пешгирии тамоюли ҷиноятҳои коррупсионӣ зарур аст, ки омилҳои ба коррупсия мусоидаткунанда бознигарӣ ва ислоҳот ба қонунгузории зиддикоррупсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда шавад. Барои он, ки ин тағйирот пурра ба ҳолати воқеӣ мувофиқат намояд, мақсади қонунгузор дар ҳаёт татбиқ шавад, тавзеҳу омӯзиши моҳияти коррупсия ҳамчун падидаи манфии иҷтимоии ҷомеа бо назардошти таҳлили таърих, таҷрибаи кишварҳои хориҷ ва санадҳои байналмилалӣ дар самти муқовимат бо коррупсия арзёбӣ карда шаванд.

Ин моҳиятро олимони тоҷик дарк намуда қайд кардаанд, ки "Коррупсия костакунандаи қонуният, адолат, рушди иқтисодиёт, боварии мардум ба давлат ва аз ин лиҳоз боиси ташвишу нигарониҳои ахлоқиву сиёсӣ буда, мубориза бар зидди он талошҳои пайгиронаи мақомоти давлатӣ ва аҳли ҷомеа, истифодаи дастовард ва таҷрибаи байналхалқиро дар ин соҳа талаб менамояд". [5. с.9.]

Съюзен Роуз олими амрикоӣ бошад, коррупсияро мушкилоти иқтисодӣ, маънавӣ ва ҳам сиёсӣ арзёбӣ намуда, на танҳо падидаи ҳуқуқӣ, балки зуҳуроти иҷтимоии худи ҷамъият ҳисобидааст..[6. с.221.]

Дар воқеъ, коррупсия ин пусидашавӣ - фарсудашавии ҳокимият аст, ҳамон тавре, ки занг оҳанро фарсуда менамояд, коррупсия низ дастгоҳи давлатро хароб намуда, устувории ахлоқи ҷомеа ва бовариро ба он коста мегардонад ва ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ соҳаҳои асосии ҳаётан муҳими шаҳрвандонро фаро гирифта, ба шуурнокии ахлоқӣ ва ҳуқуқии онҳо, инчунин тамоми ҷанбаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ таъсири манфии худро мерасонад.

Чунончӣ, амалҳои коррупсионӣ дар соҳаи тиб метавонад, ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандонро ба гирифтани ёрии тиббии ройгон, дар соҳаи маорифояндаи давлатро аз рӯйи эҳтиёҷотҳои зеҳнӣ (маънавӣ), дар соҳаҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва суд барқарорнамоии адолати иҷтимоӣ ва баробарҳуқуқии шаҳрвандону раванди муътадили давлатдориро халалдору коста намояд.

Бинобар ин, пушида нест, ки коррупсия рушди босуботи иқтисодиву иҷтимоии кишварро халалдор намуда, боиси нигаронии шаҳрвандон ва ноумедии ояндаи хушу хуррами насли ҷавон мегардад. Аз ин лиҳоз, муқовимати дастаҷамонаи ин зуҳуроти номатлуб метавонад, ба пешгирӣ, бартараф намудан ва паст кардани сатҳи коррупсия дар мамлакат мусоидат намояд.

Робита ба ин, дар мубориза зиддикоррупсионӣ ҷомеаи шаҳрвандӣ бояд бетараф набошад, то ин ки коррупсия дар мамлакат коҳиш ёбад. Дар ин самт таъкидҳои пайвастаи Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шаҳодати он аст, ки “Коррупсия зуҳуроти номатлуб ва барои ҷомеа хатарнок ба ҳисоб рафта, мубориза бар зидди он вазифаи асосии мақомоти давлатӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳар як сокини кишвар мебошад” [7.с.4].

Аз ин бармеояд, ки таназзули ҷомеа ва сатҳи коррупсия мустақиман бо якдигар алоқаманданд ва робита ба ин оид ба татбиқи тадбирҳои ҳамаҷонибаи дарозмуддати давлатӣ зарур аст, ки волоияти қонун ва меъёрҳои ахлоқии ҷомеа риоя карда шавад. Дар он ҳолат механизми ҳуқуқии татбиқи муқовимат ба коррупсия самаранок шуда метавонад, ки агар шаҳрвандон дарк намоянд ҳар як рафтори хусусияти коррупсионидоштаи онҳо боиси вайронкунии ҳуқуқи инсон мегардад.

Аз дигар тараф сатҳи коррупсияро танҳо бо роҳи ҷамъоварии маълумоти ченаккардашуда (эмпирикӣ), объективона арзёбӣ кардан мумкин нест. Дар ин самт, барои баланд бардоштани самаранокии чораҳо оид ба муқовимат ба коррупсия дар сатҳи миллӣ ва алалхусус байналмилалӣ зарур аст, ки коррупсияро эътироф карда, дараҷаи таъсири онро ба давлат ва ҷомеа дарк намоем. [8.с.27].

Бинобар ин, коркарди барномаҳои зиддикоррупсионие, ки ба демократикунонии тамоми соҳаҳои ҳаёт, озодиҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ, эҷоди мавқеи фаъол дар байни аҳолӣ ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ, инчунин корҳои пешгирикунанда ва фаҳмондадиҳӣ дар бораи зарар ва ғайри қобили қабул будани коррупсия барои интихоби кадрҳо ба вазифаҳои хизмати давлатӣ, ногузирии ҷазо барои ҷиноят ва ғайра равона гардидааст, зарур мебошад.

Вазъи дар боло зикршуда гувоҳи ин аст, ки коррупсия зуҳуроти басе хатарнок аст, зеро он ба содиркунии ҷиноятҳои мансабию хизматие алоқамандӣ дорад, ки барои давлатдории миллӣ хавфнок мебошад. Барои ҳамин коршиносон коррупсияро яке аз падидаҳои манфии ҷаҳони муосир

ҳисобида, таъсири онро ба фаъолияти мӯътадил ва рушди иҷтимоию иқтисодии ҳар як давлат манфӣ арзёбӣ намудаанд.

Дар воқеъ, ин намуди ҷинояткорӣ ба волоияти қонун, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон таҷовуз намуда, таъмини адолати иҷтимоиро коста мегардонад. Ба рақобат ва рушди миллӣ монеъ шуда, фаъолияти дурусти иқтисоди бозоргонӣ, устувории институтҳои демократиро вайрон месозад. Он ҳамчун падидаи нангин дар тамоми ҷаҳон чи дар давлатҳои мутараққӣ ва чи дар давлатҳои тараққиёташон паст, новобаста аз сохти идоракунии давлатии онҳо паҳн гаштааст. Аз ин хулоса бояд намуд, ки коррупсия падидаи на фақат миллӣ, балки байналмилалиест, ки шаклҳои зоҳиршавиаш аксаран ба худшиносии миллӣ ва қонунгузории амалкунандаи он вобастагӣ дорад.

Бинобар ин зарур аст, ки ҳар як инсон пеш аз ҳама дар шинохти давлати худ оҷиз набошад ва аз таъриху тамаддун ва шебу фарози роҳи тайкардаи миллати хеш комилан огоҳ бошад, худшиносию худогоҳии миллиро дар муқовимат ба амалҳои зишти коррупсионӣ фаромуш накунад.

Ба шарофат, талошу заҳмат, ҷонфидоиву ҷоннисориҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2026 мардуми шарафманди Тоҷикистон бузургтарин ва муқаддастарин дастоварди миллии худ, 35 - солагии Истиқлоли давлатии  Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҷашн мегиранд. Таҷлили ин ҷашни пуршукӯҳ аз фазои тинҷиву оромӣ ва сулҳу суботӣ кишвар бозгӯ мебошад.

Дар ин самт, таъсиси Мақоми олии аудити давлатӣ, яъне Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон низ, бозгӯйи иродаи қатъии Пешвои миллат, Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳисоб рафта, вазифаҳои он пешниҳоди маълумоти саҳеҳ ва беғаразона ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба лоиҳаи буҷети давлатӣ, ҳисоботи солонаи маҷмуии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи иҷрои буҷети давлатӣ ва идоракунии захираҳои давлатӣ мебошад. [9.с.2].

Бинобар ин, Палатаи ҳисоб бо мақсади мунтазам паст намудани сатҳи хавфҳои вайронкунии қоидаҳои молиявӣ, таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои қонунии шаҳрвандон, ҷамъият ва давлат, ҳамчун субъекти дар муқовимат ба коррупсия иштироккунанда, ҷиҳати бартараф намудани омилҳои ба он мусоидаткунанда дар тамоми соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пеш аз ҳама дар низоми мақомоти давлатӣ бо назардошти санадҳои қонунгузорӣ фаъолиятро пурзӯртар намудааст.

Омӯзиши сабабу шароитҳои ба содиршавӣ ва афзоиши ба коррупсия мусоидаткунанда тақозо менамояд, ки қонунгузории соҳавӣ, чорабиниҳои давлатии зиддикоррупсионӣ, назорати дурусту саривақтӣ, холисона баҳогузорӣ намудани фаъолияти хизматчиёни давлатӣ, интихоб ва ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо такмил ва тақвият дода шаванд.

Ҳамзамон, зарур аст, ки санадҳои дахлдор оид ба роҳу усули муосири баланд бардоштани масъулияти шахсии роҳбарони вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, дигар ташкилоту муассисаҳо, инчунин субъектҳои муқовимат ба коррупсия коркард, роҳандозӣ ва барои коҳиш додани содиршавии ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ тамоми чораҳои пешгирикунанда андешида шавад.

Ин тадбир, такмили чораҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминологиро оид ба муқовимат ба коррупсия ва имконияти самаранокии пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ зиёд намуда, роҳҳои муосири пешгирии боз ҳам самарабахши муқовимат ба коррупсияро, ки воқеан муҳим арзёбӣ меёбанд, муайян менамояд.

Хулоса, масъалаҳои зикршуда баҳри ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, бехатарии давлат, андешидани тадбирҳои судманд оид ба таъмини самараноки фаъолияти муътадили мақомоти давлатӣ ва масъулиятшиносии шахси мансабдор, пойдории қонуният, пешгирӣ ва муборизаи беамон бурдан ба падидаи номатлуби иҷтимоӣ – яъне коррупсия равона гардида, ҳамчун санадҳои муҳим дар роҳандозӣ ва ташкили тарбияи ҷаҳонбинии зиддикоррупсионии ҷомеа мусоидат менамояд.

Албатта, комёбиҳои миллат ва кишвари мо таҳти сарварии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бисёр зиёданд, вале фақат, дарк, муқоиса ва ҷамъбастӣ дастовардҳои усулӣ ва бунёдии ин марҳала кофист, то ҳар як шаҳрванд эҳсос намояд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбари арзандаи он чи роҳоеро тай намуда, дастовардҳои азимеро баҳри таъмини минбаъдаи шароити иҷтимоию иқтисодии шаҳрвандони мамлакат ба даст овардааст.

***Шарифзода Шарифбек Мурод***
***Сардори шуъбаи ҳуқуқи Палатаи ҳисоб***
***Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ***